Бо мазмуни рисолаи илмӣ дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _______ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктор илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 21.12.2021 сол, кайд намудааст, ки амалҳои ваҳшиёнаи террористие, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни ҷахон ба амал омада истодаанд, сабаби фавти ҳазорҳо одамони бегуноҳ шуда истодаанд, ки ҳамаи ин шаходати он аст, ки терроризм имрӯз ба таҳдиди ҷиддии сулҳу субот ва оромии давлатхои ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст[1].

Дар ҷаҳони муосир терроризм мудом ташаккул ёфта, шакл ва усулҳои навро ба даст оварда истодааст. Ҳамин тавр, 6 ноябри соли 2019 тақрибан 20 нафар силоҳбадастони Давлати исломии Ироқу Шом, минбаъд «Давлати Исломӣ», аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон дар маҳали «Ишқобод» -и ноҳияи Рӯдакӣ ба Дидбонгоҳи сарҳадии қушунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ ҳуҷум намуданд, ки дар натиҷа сарҳадбонони тоҷик ва кормандони мақомоти хифзи ҳуқуқ ба ҳалокат расиданд. Дар тирпаронии бавуҷудомада 15 нафар силоҳбадастони «Давлати Исломӣ» несту нобуд карда шуда, 5 нафари онҳо дастгир карда шуданд[2].

Қайд кардан зарур аст, ки шиддат ёфтани фаъолиятнокии гурӯҳҳои террористӣ ва радикалӣ, ки ба онҳо ташкилотҳои ба ном «Давлати Исломӣ», «Аль-Қоида», ҷунбиши «Толибон», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ихвон-ул-Муслимин», «Ансаруллоҳ», «Салафия»[3], «Гурӯҳи-24», «Эътилофи миллии Тоҷикистон» шомиланд, инчунин соли 2015-ум сӯиқасди ғасби давлат аз тарафи «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» минбаъд (ҲНИТ) водор месозад, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳони бахри мубориза бо вабои имрӯза – терроризм бояд тамоми қуввахои худро мутаҳҳид созад.

Бо назардошти зиёдшавии хавфи воқеии терроризм, ҳанӯз 28 сентябри соли 2001-ум Шурои амнияти СММ резолютсияи №1373 «Дар бораи мубориза бо терроризми байналхалқӣ»-ро қабул намудааст[4]. Таҳдиди бевоситаи терроризм, аз он ҷумла терроризми байналхалқӣ, давлатҳо - иштирокчиёни Иттиҳоди давлатҳои мустақилро водор намуд, ки тамоми қувваҳои худро барои ташкил намудани низоми чораҳои дастаҷамъона бахри мубориза бо терроризмро андешанд. Як қатор ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ қабул шуданд, ки муҳимтарини он Шартнома дар бораи ҳамкории давлатҳо-иштирокчиёни

---

[1] «Послание Президента Республики Таджикистан – Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли, 21.12.2021 г.

[2] Ниг.: [Электронный ресурс]. – Режим доступа: 17 killed in a Islamic State on a Tajik Border Post. *VOA News*. – Retrieved 6 November 2019; ISIL blamed for deadly attack on Tajik border outpost. – *Al-Jazeera*. – *6 November, 2019* (дата обращения: 30.01.2024).

[3] Решение Верховного Суда РТ «О признании незаконным религиозного течения «Салафия» от 08 января 2009г. // Архив Верховного Суда РТ.

[4] Моисеев Е.Г. Международно-правовые основы деятельности государств-членов СНГ в борьбе с международным терроризмом / Е.Г. Моисеев // Право и политика. – 2002. – №4. – С. 113.

ИДМ дар мубориза бо терроризм аз 4 июля соли 1999 мебошад. Баъдтар, бо Қарори Шурои сарони давлатҳои ИДМ аз 21 июли 2000 Маркази зиддитеррористӣ ташкил карда шуд, ки он аз 1 декабри соли 2001 мақомоти доимоамалкунандаи Иттиҳод гардид. Дар самити «Панҷгонаи Шанхай», ки рӯзи 14-15 июни соли 2001 дар Шанхай баргузор гардид, Қарор дар бораи созмон додани ташкилоти байналхалқии нави минтақавӣ –Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) қабул гардид, ки дар он сарони давлатҳои аъзо Конвенсияи муқовимат бо терроризм, сепаратизм ва экстремизмро қабул намуданд. Барои муқовимат ба терроризм бо Фармони №7767 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ва баъдан барои солҳои 2021-2025 қабул гардид. Қабули ин санади муҳим ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд[5].

Мувофиқи маълумотҳои оморӣи Сармаркази иттилоотии таҳлилии ВКД ҶТ дар солҳои охир бо моддаи 179 КҶ ҶТ шумораи зерини содиршавии ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудааст:дар соли в 2015 г. – 8, дар соли 2016 – 6, дар соли 2017 – 9, дар соли 2018 – 10, дар соли 2019 – 12, дар соли 2020 – 30, дар соли 2021 – 21, дар соли 2022 – 33, дар соли 2023 – 63 ҷинояти терроризм ба қайд гирифта шудааст[6].

Нишондоди мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити имрӯза дар ҶТ то ҳол системаи самараноку боэътимоди муқовимат бо терроризм ташкил карда нашудааст, таъминоти сусти модиву техникии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, рафтани кадрҳои ботаҷриба аз мақомотҳо ин таҳдидро боз ҳам воқеитар менамояд. Ҳолатҳои мазкур зарурияти коркарди назариявии бисёри масъалаҳоро вобаста ба ҷавобгарии ҷинояти барои терроризм, мафҳуми аломатҳои таркибии ин кирдор ва тавсифбандии он, алоқаманди ва фарқияти он аз ҷиноятҳои ба он монанд, сохтор ва динамикаи терроризм, омил ва сабабҳои содиршавии ин намуди ҷиноят, масъалаҳои пешгирии ҷиноят ва шахсияти террористонро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши хусусиятҳои ҷиноӣ - ҳуқуқи ва криминологии ҳодисаи мазкур муҳим буда, боиси интихоби мавзӯи тадқиқотии рисолаи илмӣ гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Бояд гуфт, ки дар самти мубориза бо терроризм, ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологии он пайваста таҳти таваҷҷуҳи ҷиддии ҳам олимони рус ва ҳам тоҷик, аз ҷумла Ю.М. Антонян[7], В.С. Верешетин[8], Ю.Н. Дерюгин[9], А.И. Долгова[10], В.И. Замкова ва М.З. Иличков[11],

---

[5] Ниг.:Национальная стратегия Республики Таджикистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2016-2020 годы. – Душанбе, 2016. – С. 10-11.

[6] Ниг.: Сатистически данные ГИАЦ МВД РТ №7/26-2204 от 05.05.2022 г., №7/13-1503 от 08.04.2023 г. (Приложение 1).

[12] Ниг.: Антонян Ю.М. Терроризм: криминологическое и уголовно-правовое исследование. – М.: Щит-М, 1998. – 305 с.

[15] Ниг.: Верещетин В.С. Терроризм: психологические корни и правовые оценки / В.С. Верещетин // Государство и право. – 1995. – №4. – С. 36-37.

М.П. Киреев[12], В.В. Лунеев[13], Е.Г. Ляхов[14], В.Е. Петришев[15], В.П. Ревин, А.А. Магомедов ва У.Т. Сайгитов[16], К.Н. Салимов[17], Д.В. Сопов[18] ва дигарон қарор дошт.

Бояд асарҳои илмии чунин олимони тоҷик, монанди В.А. Абдуҳамитов[19], У.А. Азиззода (У.А. Азизов)[20], Н.Б. Азимзода[21], А.Х. Имомов[22], С. Кенджаев[23], Б.Ш. Курбонзода[24], Дж.З. Маджидзода ва Н. Назаров[25], Ф.А. Мирзоахмедов[26], Д. Назиров[27], Ҳ.С. Сафаров[28], К.Ҳ. Солиев[29], М.П. Хайдарзода[30],

---

[14] Ниг.: Дерюгина Ю.Н. Терроризм: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2001. – 252 с.

[13] Ниг.: Терроризм в России и проблемы системного реагирования / Под ред. проф. Долговой А.И. –М.: Российская криминологическая ассоциация, 2004. – 192 с.

[16] Ниг.: Замковой В.И. и Ильичков М.З. Терроризм – глобальная проблема современности. – М.: Ин-т междунар. права и экономики, 1996. – 80 с.

[12] Ниг.: Киреев М.П. Борьба с терроризмом на воздушном транспорте: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 1995. – 245 с.

[13] Ниг.: Лунеев А.А. Терроризм как объект криминологического изучения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – 260 с.

[14] Ниг.: Ляхов Е.Г. Терроризм и межгосударственные отношения. – М.: Международные отношения, 1991. – 213 с.

[15] Ниг.: Петрищев В.Е. Заметки о терроризме. – М.: Эдиториал УРСС, 2001. – 288 с.

[16] Ниг.: Ревин В.П., Магомедов А.А., Сайгитов У.Т. Терроризм: реальная угроза населению России и мировому сообществу / [Современная гуманитарная акад.]. – Москва: Изд-во СГУ, 2010. – 228 с.

[17] Ниг.: Салимов К.Н. Современные проблемы терроризма: криминологическое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1999. – 375 с.

[18] Ниг.: Сопов Д.В. Уголовная ответственность за терроризм: проблемы квалификации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2004. – 203 с.

[19] Ниг.: Абдухамитов В.А. Борьба с религиозным экстремизмом: уголовно-правовые, криминологические проблемы (на материалах Республики Таджикистан): монография. – Бишкек, 2015. – 260 с.

[20] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

[21] Ниг. Азимзода Н.Б. Ҷавонон зидди терроризм, экстремизм ва кибертерроризм: Монография. – Душанбе, 2022. – 200 с.

[22] Ниг.: Имомов А.Х. Уголовно-правовые аспекты борьбы с терроризмом (на примере Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2003. – 112 с.

[23] Ниг.: Кенджаев С. Переворот в Таджикистане. – Ч. 1. – Душанбе, 1996. – 271 с.

[24] Ниг.: Курбонзода Б.Ш. Уголовная ответственность за организацию экстремистского сообщества в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – 212 с.

[25] Ниг.: Маджидзода Дж.З., Назаров Н. Организованная и транснациональная преступность. – Душанбе, 2014. – 268 с.

[26] Ниг.: Мирзоахмедов Ф.А. Уголовная ответственность за терроризм по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (Сравнительно-правовое исследование): дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2016. – 197с.

[27] Ниг.: Назиров Д. Проблемы терроризма, религиозного экстремизма и пути их преодоления: автореф. дис. ... д-ра филос. наук. – Душанбе, 2009. – 347 с.

[28] Ниг.: Сафаров Х.С. Терроризм: Проблемы законодательного закрепления и квалификации (на материалах Республики Таджикистан и стран СНГ): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – 158 с.

Ш.Х. Ҳафиззода[31], А.К. Шарипов[32], Т.Ш. Шарипов и С.Э. Баҳриддинов[33] ва ғайраро қайд намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ё мавзуъҳои илмӣ**. Рисолаи илмии мазкур дар доираи мавзӯи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта» иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот –** такмил додани меъёрҳое, ки бо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм алоқаманд мебошанд, инчунин таҷрибаи татбиқи он дар асоси омӯзиши маҷмӯии самтҳои ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ ва криминологии мушкилоти мазкур мебошанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1) Таҳлил намудани қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм.

2) омӯзиши динамикаи инкишофи қонунгузории ҷинояти барои терроризм;

3) ба амал баровардани таҳлили ҷинои-ҳуқуқии таркиби асоси ва таснифбандии моддаи 179 КҶ ҶТ, муайян намудани хусусиятҳои объективӣ ва субъективии терроризм;

4) омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи тадқиқотии қонунгузории ҷинояти дар бораи терроризм аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ.

5) нишон додани ҳолат, сохтор ва динамикаи терроризм дар Ҷумхурии Точикистон;

6) Мушаххас намудани шахсияти террорист ва додани тавсифи криминологии он;

---

[29] Ниг.: Солиев К.Х. ва диг. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Глобус, 2006. – 880 с.

[30] Ниг.: Хайдарзода М.П. Проблемы совершенствования законодательства и квалификации преступления экстремистского характера в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 221 с.

[31] Ниг.: Хафиззода Ш.Х. Политико-правовые меры противодействия экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан / Ш.Х. Хафиззода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – №4 (36). – С. 153-160.

[32] Ниг.: Шарипов А.К. Предупреждение преступлений, обусловленных исламским радикализмом (по материалам Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2017. – 228 с.

[33] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Баҳриддинов С.Э. Мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Баҳриддинов // Давлат ва ҳуқуқ. – 2007. – №3. – С. 56-63; Шарипов Т.Ш., Сафаров Х.С. Некоторые взгляды о соотношении понятий «Экстремизм», «Фундаментализм», «Радикализм», «Национализм» и «Сепаратизм» / Т.Ш. Шарипов, Х.С. Сафаров // Труды Академии управления МВД России. – 2015. – №4. – С. 34-41.

7) Муайян намудани сабаб, шароит ва омилҳои содиршавии ҷинояти мазкур;

8)Коркарди тавсияҳо оиди пешгирии амалҳои террористӣ.

**Объекти таҳқиқот,** ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муқаррар намудан ва татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муборизаи криминологӣ бо терроризм мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** ин қонунгузории Чумҳурии Тоҷикистон ва дигар шартномаҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҷабҳахои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологии мубориза бо терроризм: маводҳо оиди таҷрибаи татбиқи меъёрҳо нисбати терроризм, маълумотҳои расмии омории ҶТ: натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф пурсиш намудани экспертон бо мақсади муайян намудани фикри онҳо дар бораи терроризм мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ давраҳои тасдиқ ва омодасозии кор, инчунин муҳокимаи онро дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Фосилаи вақти таҳқиқот солҳои 1992-1997 ва 2015-2023-ро фаро мегирад ва макони татбиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои бандубасти ҷинояти терроризм, пешгирии терроризм бахшида шудаанд.

**Асоси методологии таҳқикотро** усули бенуқсони даркнамоӣ- материализми диалектики, усулҳои умуми - илмӣ, ба монанди таҳлил ва синтез, индукция ва дедукция, аз абстракт ба мушаххас омадан, муносибати низомнокӣ - сохтор ва усулҳои хусуси илмии тадқиқоти, ба монанди оморӣ, ҳуқуқи-муқоисавӣ, формалӣ- мантикӣ, таърихӣ, мушахасу – иҷтимоӣ (пурсиш, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва ғайра) ташкил медиҳад.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқотро маълумотҳои омории Кумитаи давлатии амнияти ҶТ барои солҳои 2015-2023; азназаргузаронӣ ва номгузории парвандаҳои ҷиноятии Раёсати тафтишотии КДАМ ҶТ; маводҳои таҷрибавии мақомотхои судӣ; пурсиши 80 кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар самти муқовимат бо терроризм фаъолият менамоянд, аз он ҷумла кормандони мақомоти прокуратура, ВКД ва КДАМ ҶТ ташкил менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки кори пешниҳодшуда дар дараҷаи рисолаи илмӣ якум маротиба пешниҳод гардидааст, он маҷмӯи ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологии терроризмро дарбар мегирад; аз ҷониби муаллиф мустақилона ва ҳаматарафа таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятӣ барои тероррризм, ки бо моддаи 64 – амали террористии КҶ ҶШС Тоҷикистон дар соли 1961 ва м. 179- Терроризм КҶ ҶТ дар соли 1998 пешбинӣ шудааст, дар асоси муқоисаи он бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои терроризм муқаррар ме-

намоянд, гузаронида шуда, вобаста ба он таклифҳо пешниҳод шудаанд, бахусус мафҳуми терроризм муайян карда шудааст, аломатҳои объективӣ ва субъективии терроризм омӯхта шудаанд, тавсифи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, таркиби асоси ва тавсифии тероризм, ки мувофиқи м.179 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, кор карда баромада шудааст: дар асоси стандртҳои бо қонунгузории байнлхалқӣ қабулшуда дар соҳаи муқовимат бо терроризм, аз ҷониби муаллиф самтҳои асосии такмили моддаи 179 КҶ ҶТ пешниҳод карда шудаанд: дар асоси маводҳои мақомоти суди-тафтишотии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф якуминмаротиба аз нуқтаи назари криминологи ҳолат, структура ва динамикаи терроризм дар давраи 9 соли охир таҳлил карда шудааст, омилҳое, ки барои содир намудани терроризм мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд: акси психологии террорист дода шудааст: тавсияҳо оиди пешгирӣ намудани амалҳои террористӣ кор карда баромада шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

**Пешниҳодҳое, ки дорои хусусияти назариявӣ мебошанд:**

1. Консепсияи ҷиноятӣ-ҳуқуқии терроризм чун қоида ҳолати ошкоршавии онро нишон медиҳад, мафҳуми криминологии терроризм бошад, моҳият ва хусусияти ҳодисаи ҷиноятро дарбар гирифта, мафҳуми нисбатан васеъ буда, бояд он дар сатҳи қонунгузорӣ ба танзим дароварда шуда, ҳачун мафҳуми умумиҳуқуқӣ дар Қонун дар бораи муқовимат бо терроризм ворид карда шавад. Терроризм дар доираи қонуни ҷиноятӣ ҳамчун тарзи содиршавии ҷиноят тасниф меёбад. Бо ин сабаб, ҳаракатҳои ҷиноят ин шахси мушаххас дар ҳолати аз ҷониби ӯ содир кардани амали террористӣ бояд ҳамчун асоси ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан ба инобат гирифта шавад. Бо мақсади ҷудо намудани мафҳуми терроризм ҳамчун ҳодисаи хавфноки иҷтимоии ҳуқуқӣ аз мафҳуми ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва такмил додани қонунгузории ҷиноятии тоҷик ба мақсад мувофиқ мешуд, ки номи моддаи 179 КҶ ҶТ «Терроризм» ба «Амали террористӣ» иваз карда шавад.

2. Бо дарназардошти он, ки ҷазои ҷиноятие, ки нисбат ба шахси ҷиноят содиркарда таъйингардида бояд ба хислат ва дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ (принсипи адолат) мувофиқ бошад, бояд таҳдиди содир намудани амали террористӣ ба моддаи алоҳидаи $179^4$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳрири зайл: «Таҳдиди содир намудани амали террористӣ», бо ҷазои сабуктар, ҷудо карда шавад.

3. Бо дарназардошти таҷрибаи мусбии байналмилалӣ дар самти муқовимат ба терроризм, бо мақсади заиф гардонидани дастгирии молиявии терроризм, пешниҳод менамоем, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон навъи иловагии муҷозот дар шакли ҷарима ворид карда шавад.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузорӣ ҷиноятӣ нигаронида шудаанд:**

1. Ба раводиди моддаи 179 КҶ ҶТ зарур меҳисобем, ки қисми 2 банди «в» бо аломати тавсифкунандаи «бо мақсади сиёсӣ» илова карда шавад.

2. Бо дарназардошти он, ки амалҳои террористӣ бо қасди бевосита содир карда мешаванд, ки аз рӯйи мантиқ аз беэҳтиётӣ ба марг расонидани инсонро истисно мекунад, дар асоси гуфтаҳои боло пешниҳод менамоем, ки ибораи «аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гардида бошад» аз банди «г»-и қисми 3 моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мафҳуми нодуруст сохташуда хориҷ карда шавад.

3. Бо дарназардошти он, ки амалҳои террористии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҷониби аъзои созмонҳои террористию экстремистӣ, аз қабили ДИИШ, «ал-Қоида», ҳаракати «Толибон», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Салафия», «Ансоруллоҳ», «Ихвон-ул-муслимин», «Ҳизби наҳзати ислом» содир мешаванд, пешниҳод менамоем, ки ба қисми 3 моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банди «д» бо мазмуни зайл илова карда шавад: «кирдори пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар он аз тарафи аъзои ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки фаъолияти онҳоро суд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, содир шуда бошад».

4. Барои муқовимати самаранок ба терроризми муосир, ки ба сатҳи байналмилалӣ баромада истодааст, ба диспозитсияи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани ибораҳои «маҷбур кардани ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба қабули ҳамагуна қарор ё радкунии он ба нафъи террористон» мувофиқи мақсад мешуморем.

5. Бо дарназардошти он, ки ҳангоми содир намудани амали террористӣ қасдан боиси марги шахс мегардад, илова намудани банди «е»-ро ба қисми 3 моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин аломати тавсифкунандаи, ҳамчун «бо қасдан боиси марги шахс ё ду ва зиёда шахсон алоқаманд» илова карда шавад.

6. дар раводиди қисми 1 моддаи 179 КҶ ҶТ ибораи «боиси хавфи марги одамон» ба ибораи «боиси хавфи марги аққалан як одам» иваз карда шавад.

7. ибораи «оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок» ба ибораи «дигар оқибатҳои вазнин» иваз карда шавад.

Баъди таҳлили аломатҳои субъективӣ ва объективии ҷинояти терроризм пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 179 КҶ ҶТ ба таври зайл ифода карда шавад:

**Моддаи 179. Амали террористӣ**

1) амали террористӣ, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги ақаллан як шахс, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани дигар оқибатҳои вазнин мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ, ё таъсир расонидан ба қабули қарор аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, маҷбуркунӣ ба қабули ҳамагуна қарор ё радкунӣ дар қабули

дигар қарор ба нафъи террористон, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати аз панҷ то даҳ сол, бо ҷарима ба андозаи аз нуҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) такроран содир шуда бошад;

в) аз ҳиссиёти бадбинӣ ё хусумати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ;

г) «бо мақсади тамаъҷӯйӣ ё зархаридӣ», –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати аз ҳашт то понздаҳ сол бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазору чорсаду шаст то бисту як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюми ҳамин модда, агар он:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) дар алоқамандӣ бо таҳдиди истифодаи силоҳи қатли ом, маводи радиоактивӣ ё иҷрои дигар кирдоре, ки ба ҳалокати оммавии одамон оварда мерасонад;

в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад;

г) боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад;

д) аз ҷониби аъзои ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки фаъолияти онҳоро суд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст;

е) дар алоқамандӣ бо расонидани барқасдона, ки боиси марги одам ё ду ва зиёда ашхос гашта бошад, –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати аз понздаҳ то бисту панҷ сол ё ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҷазо дода мешавад.

**Эзоҳ:** Шахсе, ки дар омода сохтани кирдори террористӣ иштирок дорад, агар мақомоти давлатиро сари вақт огоҳ созад ё бо роҳи дигар содир гаштани кирдори террористиро пешгирӣ кунад ва агар дар ҳаракатҳои ин шахс дигар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Такрорӣ дар моддаи мазкур пештар содир шудани як ё якчанд ҷинояти пешбинишудаи ҳамин модда, инчунин моддаҳои 179(1), 180, 181, 185, 310 ва 402 ҳамин Кодекс эътироф карда мешавад.

13. Бо мақсади тафриқаи одилона ва асосноки ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳдиди содир намудани «амали террористӣ» дар моддаи алоҳидаи Қонуни ҷиноятии Тоҷикистон дар таҳрири зайл таъкид карда мешавад:

**Моддаи 179$^4$. Таҳдиди содир кардани амали террористӣ**, яъне таҳдиди таркиш, оташзанӣ, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки хавфи марги ҳадди ақал як шахсро ба вуҷуд меорад, ки боиси зарари калони молумулкӣ ё ба вуҷуд омадани дигар оқибатҳои вазнин мегард, агар ин кирдорҳо бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё «таъсир расонидан ба қабули қарор аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои қабули ҳар гуна

қарор ё рад кардани он ба манфиати террористон содир шуда бошад, – бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

**III. Пешниҳодҳое, ки дорои хусусияти амалӣ мебошанд:**

Айни замон вазъи воқеии терроризм пайваста тағйир ёфта истода, шумори амалҳои террористӣ ва қурбониёни он афзоиш ёфта истода, ҳаҷми зарари расонидашуда аз ин амалҳо афзуда истодааст.

Самтҳои асосии пешгирии амалҳои террористӣ дар айни замон бояд инҳоро дар бар гиранд:

1). пешгӯии фаъолияти террористӣ дар ҶТ ва дар маҷмӯъ дар минтақа;

2). ба равандҳо ва падидаҳои асосии ҷомеа, ки метавонанд ба афзоиши терроризм мусоидат кунанд, таъсир расонидан;

3).назорат аз болои муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳаи тирандозӣ ва моддаҳои тарканда пурзӯр карда шавад. Чӣ тавре ки таҳлили парвандаҳои ҷиноятии тафтишшуда нишон медиҳад, дар шароити муосири технологӣ сохтани маводи тарканда мушкил нест;

4)такмили омодагии касбии кормандони дар самти мубориза бар зидди терроризм ширкаткунанда;

5). ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бар зидди терроризм дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда шаванд;

6). рафъи маблағгузории фаъолияти террористии он ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита ташкилотҳои террористиро маблағгузорӣ мекунанд. Мониторинги маблағҳои интиқолии аз фурӯши маводи мухаддир, силоҳ, одамрабоӣ, гирифташуда ба роҳ монда шавад;

7). такмили таъминоти техникӣ, бо аслиҳа ва техникаи муосир муҷаҳҳаз намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

8. Бо дарназардошти зуҳуроти хоси терроризм, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, ба монанди бераҳмии афзояндаи террористон, содир намудани амалҳои террористӣ бо истифода аз маргталабон, ҳамла ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, ҷалб ва истифодаи кӯдакону занони хурдсол дар амалҳои мазкур, дар кор самтҳои алоҳидаи пешгирӣ ва пешакӣ огоҳкунии терроризм муайян гардидаанд.

Самаранокии амалҳои пешгирикунанда тавассути чораҳои ҷиноятӣ - ҳуқуқӣ аз ду лаҳза вобаста аст:

9). дуруст истифода бурдани муҷозоти ин ё он меъёр (фарқияти ҷавобгарии ҷиноятӣ);

10). аз ҷониби судҳо дуруст таъин кардани ҷазо (фардикунонии ҷазо).

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятие, ки судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунанд, нишон дод, ки дар амалия чунин тамоюл мушоҳида мешавад: мӯҳлати ҷазое, ки судҳо таъин мекунанд, баъзан аз мӯҳлати дар моддаи санксия пешбинишуда камтар аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он ифода меёбад, бо истифода аз тадқиқоти гузаронидашуда

пешниҳодҳо манзур ва тавсияҳо таҳия шуданд, ки ба муносиб кардани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ равона гардиданд. Маълумотҳое, ки дар бораи шахсияти террорист, сабабу шароите, ки барои содир намудани терроризм мусоидат менамоянд, метавонад барои пешгӯйии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд. Тавсияҳое, ки дар асоси тадқиқоти диссертатсия таҳия шудаанд, метавонанд дар фаъолияти таълимӣ-педагогии муассисаҳои олии касбӣ аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқшиносӣ» ҳангоми таълими курсҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Криминология» истифода шаванд.

Аҳамияти амалии тадқиқоти мазкур дар он зохир мегардад, ки дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда, пешниход ва тавсияҳое кор карда баромада шудаанд, ки онҳо барои беҳтар намудани самаранокии фаъолияти макомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тафтиши парвандаҳои ҷинояти равона карда шудааанд. Маълумотҳои гирифташуда дар бораи шахсияти террористон, сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи содиршавии терроризмро метавон дар баҳодиҳии фаъолияти макомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода бурд. Таклифу пешниҳодҳое, ки дар маводҳои тадқиқотии рисолаи илмӣ кор карда баромада шудаанд, метавонанд дар фаъолияти омӯзишиву педагогии муассисаҳои оливу касбӣ бо тахассуси «Ҳуқуқшиносӣ» ҳангоми омӯзиши курсҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Криминология» истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти илмӣ тавассути таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷинояти терроризм инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КҶ ҶТ, КИҶҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологӣ; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки амалияи судиву тафтишотии мубориза бар зидди терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардида, амалияи тафтишотии мақомоти ҳи-

фзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятии бо моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Терроризм» оғозгардида таҳқиқ шуда, сабабҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии шиддат гирифтани терроризм дар Тоҷикистон муайян ва ошкор гардиданд; пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили чораҳои пешгирии терроризм манзур дошта шуданд. Тавсифномаи криминологии шахсоне, ки ба терроризм даст доранд, оварда шуда, ҳолат, сохтор ва динамикаи терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2023 муайян карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррарот ва хулосаҳои назариявии кори мазкур дар маърӯзаҳои муаллиф бо гузоришҳои илмӣ дар семинару конфронсҳои зерин истифода шудаанд: Семинари минтақавии байналмилалӣ дар мавзуи «Пешгирии терроризм: стратегияҳои самараноки муқовимат ба иғво ва экстремизми зӯроварӣ» (ш.Тошкент, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 9-10-уми декабри соли 2011); Семинар оид ба масъалаҳои муқовимат ба терроризм (ш.Душанбе, ҶТ, 3-5-уми феврали соли 2011) – маърӯза дар мавзуи «Характеристикаи иҷтимоӣ-криминологии терроризм»; Конфронси байналмилалӣ дар Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон дар мавзуи «Мушкилоти амнияти минтақавӣ» (ш.Душанбе, 29-уми апрели 2011) – маърӯза дар мавзуи «Ҷанбаи субъективии терроризм»; Конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами муқовимат ба ҷиноятҳои самти террористидошта» (ш. Москва, Федератсияи Россия, Академияи ХФА ФР, 25-уми майи соли 2011) – маърӯза дар мавзуи «Мушкилиҳои банду басти терроризм аз рӯйи тарафи объективии терроризм мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (тадқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ)». Илова бар ин, натиҷаҳои тадқиқоти диссертсионӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон («Терроризм») ба мақоми қонунгузор – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд. (Номаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми феврали соли 2020). Инчунин, натиҷаҳои тадқиқоти рисолаи илмӣ ба фаъолияти Раёсати тафтишотӣ ва Раёсати мубориза бо терроризми Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд. (Мактуби Раёсати тафтишотии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13/1-423 аз 22-юми декабри соли 2020 дар 2 варақ); (номаи Раёсати мубориза бо терроризми Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 20/1051 аз 29-уми декабри соли 2020 дар 1 варақ). Илова бар ин, пешниҳоди унвонҷӯ ҳангоми таҳияи лоиҳаи Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ дар самти мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ (сепаратизм) ва экстремизм барои солҳои 2019-2021 ба инобат гирифта шуда, инъикоси худро дар чорабиниҳо барномаи мазкур ёфтанд, ки 10-уми июни соли 2018 дар шаҳри Тошканд ба имзо расида буд. (Мактуби Шуъбаи ҳуқуқ ва робитаҳои байналмилалии КДАМ ҶТ №17/2-1609 аз 2-уми декбари соли 2020).

Муқаррарот ва хулосаҳои назариявии асари мазкур инчунин дар баромадҳои муаллиф бо маърӯзаҳои илмӣ дар ҷаласаи пленарии Шурои илмӣ-машваратии Маркази зиддитеррористии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, минбаъд (ШИМ МЗТ ИДМ) дар мавзуи: «Мушкилоти мубрами муқовимат ба терроризм ва экстремизм», МЗТ ИДМ», (ФР, Москва, 2021) – маърӯза дар мавзуи «Афзоиши таҳдиди терроризм дар ҷаҳони муосир: сабабҳои пайдоиш ва муқовимат ба терроризм»; ҷаласаи пленарии ШИМ МЗТ ИДМ дар мавзуи «Мушкилиҳои мубрами актуалии таъмини ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар фазои ИДМ» (ФФ, ш. Москва, 2-юми ноябри соли 2022) – маърӯза дар мавзуи «Мушкилоти мубрами муқовимат ба терроризм ва экстремизм»; ҷаласаи пленарии ШИМ МЗТ ИДМ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами ташкили таъминоти илмии фаъолияти амалӣ ва самтҳои ояндадори тадқиқоти илмӣ дар соҳаи муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар фазои ИДМ» – маърӯза дар мавзуи «Муқовимат ба идеологияи терроризм ва экстремизм дар муассисаҳои таълимӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо» (ФР, ш.Москва, 2-юми ноябри соли 2022); дар Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароитҳои муосир», бахшида ба «20-солагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» барои солҳои 2020-2040» – маърӯза дар мавзуи «Шахсияти террорист» (ш.Душанбе, 27-28-уми декабри соли 2022); Конфронси якуми байналмилалии МЗТ ИДМ ва давлтаҳои аъзои ММЗТ СҲШ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар фазои ИДМ», «Таъмини илмии фаъолият оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ дар ИДМ» – маърӯза дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию криминологии шахсияти террорист» (ш.Бишкек, 20-уми сентябри соли 2023) инъикос ёфтанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар тадқиқоти диссертсионӣ зикршуда ҳангоми таҳияи накшаи дарсӣ оид ба тайёрии касбии кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023 истифода шудаанд.

Муқаррарот ва хулосаҳои тадқиқоти рисола марбут ба аломатҳои объективӣ ва субъективии терроризм, татбиқи қонунгузории ҷиноии алоқаманд бо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм, инчунин масъалаҳои пешгирӣ оид ба муқовимат ба терроризм дар дастурҳои методӣ дарҷ гардидаанд: «Тавсияҳои методӣ. барои кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар самти муқовимат ба терроризм машғуланд» ва «Тавсифномаи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологии терроризм», ки аз ҷониби кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи чораҳои муассир дар фаъолияти тафтишотӣ ва оперативӣ оид ба муқовимат ба терроризм истифода мешаванд. Тавсияҳо оид ба масъалаҳои банду басти ҷиноят аз ҷониби унвонҷӯ таҳияшуда аз ҷониби Раёсати тафтишотии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тафтиши

парвандаҳои ҷиноятии ин категория истифода мешаванд. Чунончи, пешниҳодҳои унвонҷӯ оид ба аломатҳои ҷанбаҳои объективии усулҳои дигари содир намудани терроризм, инчунин ҷанбаҳои субъективӣ ҳангоми банду басти парвандаи ҷиноятии № 25342 истифода шудаанд. Инчунин, натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ба раванди таълимии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, дар доираи фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Криминология» дар шакли лексияи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм» ва ду дастури методии «Характеристикаҳои умумии терроризм», «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии терроризм». истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулоса ва пешниҳоди асосии рисола дар 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 11-тои онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия муайянгардида ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ки 9 зербобро дар бар мегирад, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замимаҳо иборат аст. Номгӯзорӣ ва пайдарҳамии боб ва зербобҳо бо мақсад ва вазифаҳои тадқиқотӣ муайян карда шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ (ФИШУРДА).

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзӯи интихобкардашуда асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии тадқиқот шарҳ дода шуда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқоти рисолаи илмӣ муайян карда шуда, асосҳои методологӣ, меъёрӣ ва назариявии рисолаи илмӣ, ҳамчунин заминаи таҷрибавии тадқиқот, навгонии илмии он, аҳамиятнокии назариявию амалиявии тадқиқот ошкор ёфта, муқарраротҳои асосие, ки барои ҳифзнамоӣ пешниҳод мегарданд, тартиб дода шуда, оид ба санҷиши натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, ҳамзамон ҳаҷм ва сохтори кори илмӣ баён шудааст.

**Боби якуми рисолаи илмӣ – Терроризм: «Шароити иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии терроризм» буда,** аз 5 банд иборат мебошад.

**Дар сархати аввал** муаллиф мафҳуми «терроризм»-ро шарҳ дода, тадқиқоти илмӣ бурда, онро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст. Дар КҶ-и амалкунандаи соли 1998-уми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои марбут ба мафҳуми «терроризм» васеътар шарҳ дода мешаванд. Таҳлили муқоисавӣ- ҳуқуқии ҚҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23.12.2021 сол ва м.179 КҶ ҶТ аз соли 1998 нишон дод, ки мафҳуми терроризм дар ҳардуи санадҳо якзайл мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки дар ҚҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» мафҳумҳо ва муқарраротҳои зерин, ба монанди: «амали террористӣ» ва «ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ» ворид карда шудаанд. Муқарраротҳои мазкур

ҳуқуқтатбиққунандаро гумроҳ мекунанд, зеро муайян намудани фарқият байни мафҳумҳои «амали террористӣ» ва «ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ» ғайриимкон мегардад. Бояд қайд намуд, ки худи мафҳуми амалҳои террористӣ равшану возеҳ шарҳ дода нашудааст. Дар КҶ ҶТ ин амалҳо аз терроризм ҷудо карда шуда дар таркибҳои мустақилонаи ҷиноятҳо (м.м.310 ва 402 КҶ ҶТ) оварда шудаанд. Бояд зикр намуд, ки қонунгузории байналмилалӣ ва ватании ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ терроризмро ҳамчун зуҳуроти ба ҷамъият хафнок, ниҳоят падидаи манфии иҷтимоию ҳуқуқӣ ва идеологию сиёсӣ медонад, ки баҳри ба даст овардани мақсадҳои сиёсии худ равона карда шудааст. Асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бояд амали мушаххаси рафтори инсон, яъне амали террористӣ бошад. Мафҳуми «терроризм» баръакс бошад, мафҳуми мураккаб, умумӣ - нисбат ба як қатор кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки дорои хусусияти умум мебошад ва дар ин мазмун предмети омӯзиши махсуси криминологӣ мебошад, на ин ки ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ.

Бо назардошти болозикр, баҳри роҳ надодан ба нофаҳмиҳо, муаллиф пешниҳод менамояд, ки номгузории м.179 КҶ ҶТ аз «Терроризм» ба «Амали террористӣ» иваз карда шавад.

**Дар сархати дуюм - инкишофёбии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба терроризм** таърихи пайдоиш ва инкишофёбии меъёрҳои ҷиной-ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарӣ кашидан барои терроризм мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд. Муаллиф масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, таъкид менамояд, ки дар Тоҷикистон марҳила ва замони аввали пайдоиш ва оғозшавии таърихи терроризм ин лаҳзаи ташкилшавӣ ва бунёдёбии ҳукумати шуравӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллиф дарҷ менамояд, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳз барои терроризм пас аз ба даст овардани истиқлолият ба вуҷуд омадааст. Зеро дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 – ум моддаи махсусе, ки маҳз ба терроризм бахшида шудааст, вуҷуд надошт. Дар КҶ-и мазкур ду моддае мавҷуд буд, ки ҷиноятҳои бо амалҳои террористӣ алоқамандро танзим менамуд ин м.63 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (амали террористӣ) ва м.64 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (амали террористӣ бар муқобили намояндаи давлати хориҷӣ) буд. Чӣ тавре, ки мебинем, мафҳуми ҳуқуқии амали террористие, ки дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 – ум дарҷ гардидааст, аз мафҳумҳои минбаъдаи он бо возеҳию саҳеҳии худ ва мушаххас буданаш тафовут менамояд. Дар Кодекси ҷиноятии Тоҷикистони соҳибистиқлол истилоҳи «терроризм» бори нахуст бо қабулшавии кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 ба вуҷуд омадааст. Меъёри зерин оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм дар шакли наваш дар м.179 кодекси амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шуд. Ҳамин тавр, кодекси амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифи кирдорҳоеро, ки ба мафҳуми «терроризм» алоқаманданд боз ҳам муфассал намуд. Ин дастоварди назарраси

қонунгузор баҳри боз ҳам пурзӯр намудани имконияти ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон, объектҳои моддӣ ва давлат аз терроризм мебошад.

**Дар сархати сеюм –** «Нишонаҳои объективие, ки таркиби ҷинояти терроризмро тавсиф менамоянд» нишонаҳои чунин элементҳои таркибии терроризм ба монанди объект ва тарафи объективӣ таҳлил карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки объекти асосии бевоситаи терроризм ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки асоси бехатарии ҷамъиятиро ташкил менамоянд. Объектҳои бевоситаи иловагиро бошад, метавон ба чунин зергуруҳҳо тақсим намуд: 1) муносибатҳои ҷамъиятие, ки баҳри эҷод намудани шароитҳои муносиби бехатарӣ барои ҳаёт ё саломатии шаҳрвандон равона карда шудаанд; 2) муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи моликият ба вуҷуд меоянд; 3) муносибатҳои ҷамъиятие, ки фаъолияти муқаррарии мақомоти давлатиро таъмин менамоянд.

Тарафи объективии терроризм дар мувофиқа бо қонунгузории Тоҷикистон дар ду қонуни аз якдигар вобаста набуда ифода ёфтааст: дар ҳолати якум ин содир намудани ҳар гуна таркишҳо, оташзанӣ, тирпарронӣ аз яроқи оташфишон, ҳамчунин дигар кирдорҳое, ки хатари марги одамон, ба шаҳрвандон расонидани зарари махсусан калони молумулкӣ, ё ин ки дигар оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро ба вуҷуд меоранд, мебошад, дар ҳолате ки агар ин кирдорҳо бо мақсади тарсонидани аҳолӣ, вайрон намудани бехатарии ҷамъият, инчунин фишор овардан ба намояндагони ҳокимияти давлатӣ содир шуда бошанд; дар ҳолати дуюм – террорист ҳолати ноилоҷии худро дида, таҳдиди содир намудани амалҳои муайянро менамояд. Аммо бояд қайд намуд, ки агар ҳангоми дар раванди баҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ додани тарафи объективии ҷинояти баррасишаванда муқаррар карда шавад, ки аз ҷониби террористон ҳангоми содир намудани амалҳои террористӣ ҷузъҳои махсуси тарканда истифода бурда шудаанд (лавозимотҳои таъиноти ҷангӣ, пластидҳо, селитраи аммиак, асбобҳои таркандаи худсохт ва дигарҳо), пас кирдори содиршударо бояд тибқи моддаҳои мувофиқи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, яъне бо м.195, 196, 199 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифбандӣ намуд.

Таркиби асосии дуюм – расмӣ – бо таҳдиди содир намудани кирдорҳои дар диспозитсияи модаи 179 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда тавсиф меёбад. Аммо мавриди зикр аст, ки ҳангоми таснифбандии амалҳои террорист бо таҳдиди содирнамоии амалҳои муайян, далели қасд муҳим нест, ки оё террорист воқеан барои иҷрои таҳдидҳои баёншуда омода аст ё не. Бояд қайд намуд, ки муаллиф хатари дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии таҳдиди содиршавии амали террористиро назар ба воқеан содир шудани амали террористӣ камтар ба назар гирифта, якзайл муқоиса намудани онҳоро дар диспозитсия ва санксияи қ.1 м. 179 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон хилофи принсипҳои адолат мешуморад. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки таҳдиди содиршавии амали террористӣ аз модаи 179 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуда, ба он моддаи алоҳида $179^4$ «Таҳдиди содиршавии амали террористӣ»

бо муқаррар намудани санксияи дорои ҷазои сабуктар бахшида шавад. Ҳамчунин, дар банди мазкур аз ҷониби муаллиф баҳри боз ҳам мукамалтар намудани модаи 179 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои терроризм пешбинӣ менамояд, якчанд таклифҳо пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, муаллиф таъкид менамояд, ки барои дурусттар таснифбандӣ кардани амали террористӣ, беҳтар мешуд, ки ҳангоми мукаммал гардонидани моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо нишон додани марги ҳадди ақал як шахс маҳдуд карда шавем, бинобар ин, пешниҳод менамояд, ки дар диспозитсияи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «ба миён овардани хатари марги одамон» ба «марги ҳадди ақал як шахс» иваз карда шавад. Истилоҳи «ба вуқӯъ омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок» бошад, ба истилоҳи «ба вуқӯъ омадани дигар оқибатҳои вазнин» иваз карда шавад.

**Дар сархати чорум – «Хусусиятҳои субъективие»,** ки таркиби ҷинояти терроризмро тавсиф мекунанд» чунин унсурҳои таркибии ҷинояти терроризм, ба монанди субъект ва тарафи субъективӣ баррасӣ карда мешаванд.

Субъекти терроризм метавонад, ҳар як шахси воқеии солиме бошад, ки - ҳангоми содир кардани ҷиноят ба синни чордаҳсолагӣ расидааст. Аз рӯи натиҷаи парвандаҳои ҷиноятии тафтишшуда муайян карда шуд, ки аз шумораи шахсоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар давраи солҳои 2015-2023) ҷинояти терроризмро содир кардаанд, асосан мардони дорои синни 20-35 сола ва 40-60 сола буданд.

Тарафи субъективии терроризм бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита (чун қоида, барои ҳамаи амалҳо пешакӣ омодагӣ дидаанд) ва мақсади махсус тавсиф карда мешавад, ки ба сифати мақсадаш иловатан инҳо баромад карда метавонанд: а) вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ; б) тарсонидани аҳолӣ; в) таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ. Таҳлили мақсадҳои терроризм, ки дар қонун дарҷ карда шудаанд, нишон дод, ки ба сифати аломати ҳатмии тарафи субъективии ин ҷиноят зарур аст, ки мақсади - «таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ» аз ҳисоби ба он ворид намудани имконияти таъсиррасонӣ ба ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ васеъ карда шавад.

**Дар сархати панҷум - Аломатҳои таснифкунанда ва махсусан таснифкунандаи терроризм**

Дар сархати мазкур муаллиф таҳлили муфассали аломатҳои махсусан таснифкунандаи терроризмро, ки дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, анҷом додааст, ба монандӣ содир намудани амали террористӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, такроран, бо мақсади кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, кинаю адовати мазҳабӣ ё душманӣ, аз ҷониби гуруҳи муташаккил, бо таҳдиди истифодаи силоҳи қатли ом, маводҳои радиоактивӣ ва содир кардани дигар кирдорҳое, ки метавонанд боиси марги оммавии одамон гарданд, дар

ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардидааст.

Бояд гуфт, ки муаллиф зимни гузаронидани тадқиқоти хусусиятҳои дар боло зикргардида ба хулосае омадааст, ки мақомоти қонунгузории ҷумҳурӣ ҳангоми дар таркиби моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (терроризм) ворид намудани хусусиятҳои номбаршуда ба баъзе хатогиҳо роҳ додааст. Аз чумла, хангоми баррасӣ намудани чунин аломати таснифкунандаи терроризм, ба монандӣ «бо мақсади кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, кинаю адовати мазҳабӣ ё душманӣ», ки дар банди «в»-и кисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудаст, дар банди «в» ибораи «сабабҳои сиёсӣ»-и содир намудани ин ҷиноят зикр карда нашудааст, ки боиси гумроҳ кардани корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми таснифбандӣ намудани ҷинояти мазкур мебошад. Тавре ки амалияи татбиқшавии ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, амалҳои террористӣ асосан бо сабабҳои сиёсӣ, яъне бо мақсади тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҷойи он бунёд кардани давлати исломии навъи «Хилофат» содир карда мешаванд.

Дар асоси гуфтахои боло, пешниҳод карда мешавад, ки дар банди «в» кисми 2 модда 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин аломати тахассусӣ, ба монанди «бо сабабҳои сиёсӣ» илова карда шавад. Илова бар ин, ба аломати зерини махсуси таснифкунандаи терроризм, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардидаасту дар банди «г»-и қисми 3 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, диққат додан лозим аст. Дар ин вазъият бояд кайд кард, ки хангоми содир намудани амали террористие, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар окибатҳои вазнин гардидааст, метавонад якбора ба ду объекти асосӣ зарар расонида шавад: 1) муносибатҳои ҷамъиятие, ки тартиботи ҷамъиятиро таъмин менамоянд; 2) муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳаёт ва саломатии инсонро таъмин мекунанд.

Аз ҷихати субъективӣ ин ҷиноят дар рафтори фаъолонаи шахсе зоҳир мегардад, ки фарорасии марги инсон ё дигар окибатҳои вазнинро мехоҳад. Ҳангоми таснифбандӣ намудани ҷинояти мазкур унсури асосии онро тарафи субъективӣ ташкил медиҳад. Тарафи субъективии кирдори мазкур дар шакли гуноҳ (дар ҳарду шаклаш) ифода мегардад (моддаи 30-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Яъне кирдоре, ки дар диспозитсияи моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шудааст, қасдан содир карда мешавад, оқибатҳои дар диспозитсияи ҳамин модда пешбинишуда бошанд, ки дар марги шахс ё дигар оқибатҳои вазнин ифода ёфтаанд, на аз беэҳтиётӣ, балки қасдан ба вуҷуд меоянд.

Мувофики моддаи 30-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ҷинояти дар банди «г»-и қисми 3-и м. 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда қасдан содир карда мешавад. Дар робита ба ин муқаррарот қонунгузорони Русия намунаи каме дигарро пеш гирифтаанд. Ҳамин тариқ, тибқи Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Ру-

сия аз 9 феврали соли 2012 №1 «Дар бораи баъзе масъалаҳои таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти террористидошта» муқаррар карда шудааст, ки агар амали террористӣ қасдан боиси марги шахс, ё ду ва зиёда шахсон шуда бошад, кирдор бо банди «б»-и қисми 3 моддаи 205 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия (Амали террористӣ) таснифбандӣ карда шуда, таснифбандии иловагиро бо м. 105 (Одамкушӣ)-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия талаб намекунад. [34]

Мо ин муносибати конунгузорро дурусттар мешуморем. Бо дарназардошти он, ки ҳангоми содир кардани амали террористӣ, яъне таркиш, оташ задан ё дигар амалҳои махсусан хавфнок танҳо бо қасди бевосита анҷом дода мешаванд, ки он муносибати беэҳтиётонаро ба оқибатҳои руҳдода мантиқан истисно мекунад, аз ин лиҳоз, мо ба хулосае омадем, ки дар банди «г» қисми 3 моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гардидаанд»-ро ҳамчун аломати нодуруст сохташуда истисно намоем.

Бо дарназардошти он, ки лаҳзаи содир намудани амали террористӣ қасдан боиси марги инсон мегардад, зарур мешуморем, ки банди «г» қисми 3 модда 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин аломати таснифкунанда - «қасдан боиси марги шахс ё ду ва ё зиёда шахсон» пурра карда шавад. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили парвандаҳои ҷиноии тафтишшуда маълум гардид, ки аксари шахсони амалҳои террористӣ содиркарда аъзои созмонҳои террористию экстремистӣ, аз қабили «ДОИШ», «Салафия», «Ансураллоҳ», «Ҳизби Наҳзати Исломӣ», «Гурӯҳи-24» будаанд, ки ба гуруҳҳои муташаккили қатъиян махфӣ, ҷамъиятҳои муташаккили ҷиноятӣ дохил шуда, дорои шабакаҳои васеъю тобеи якдигар буда, дар сохтори ташкилотҳояшон тақсимоти нақшҳо доранд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, инчунин бо дарназардошти он ки терроризм бо максади содир намудани як ё якчанд ҷиноят аз ҷониби чунин иттиҳодияҳои ҷиноятии устувор, муташаккил ва махсусан хавфнок, ки қаблан, яъне пеш аз содир намудани терроризм ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ, ташкилотҳо, ҷамоъатҳо муттаҳид шудаанд, содир карда мешавад, зарур мешуморем, ки ба сифати аломати махсуси таснифкунандаи қисми 3 моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банди «г» бо мазмуни зайл илова карда шавад: «кирдорҳое, ки дар қисмхои якум ва дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар онҳо аз ҷониби аъзои ташкилотҳои террористию экстремистие, ки фаъолияти онҳоро суд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, содир шуда бошанд». **Боби дуюми рисола - «Хусусиятҳои криминологии терроризм»** чор сархатро дар бар мегирад.

Дар сархати якум - **«Вазъият, сохтор ва динамикаи терроризм»** рисоланавис нишондиҳандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористидошта,

[34]См.: Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник/ подред. А.В. Бриллиантова. – 2-е изд., перераб. и доп.– М.: Проспект, 2016. – С.668.

ошкоршавии ин гуна ҷиноятҳо, сатҳи содиршавии амалҳои террористиро баррасӣ менамояд. Дар рисола зикр мегардад, ки терроризм, терроризми байналмиллалӣ, ҷиноятҳои муташаккил, бо васеъ кардани марзҳои хеш бо ҷиноятҳои миллӣ пайваст мешаванд. Чунин ба ҳам пайвастани унсурони ҷинояткории байналхалқӣ барои хамаи давлатҳои ҷаҳон нихоят хавфнок мебошад, зеро онҳо аз дохил ва берун аз ҷиҳати молиявӣ, кадрҳо доимо таъмин карда мешаванд. Ҳамаи ин барои терроризм низ, ки ҷузъи сохтори ҷинояткории фаромиллӣ мебошад, хос аст.

Мувофиқи маълумотҳои омории Сармаркази иттилоотии таҳлилии ВКД ҶТ дар солҳои охир бо моддаи 179 КҶ ҶТ шумораи зерини содиршавии ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудааст:дар соли в 2015 г. – 8, дар соли 2016 – 6, дар соли 2017 – 9, дар соли 2018 – 10, дар соли 2019 – 12, дар соли 2020 – 30, дар соли 2021 – 21, дар соли 2022 – 33, дар соли 2023 – 63 ҷинояти терроризм ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили парвандаҳои ҷиноии тафтишшуда нишон дод, ки динамикаи ҷиноятҳои террористӣ ва экстремистӣ рӯ ба афзоиш дорад.

Чӣ тавре ки мебинем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2023 шумораи ҷиноятҳои дорои хусусияти террористидошта, аз ҷумла амалҳои террористию экстремистӣ ва шахсоне, ки барои содир намудани онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд, зиёд шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар порлумони кишвар таъкид кардаанд, ки «дар солҳои 2020-2023 нисбат ба солҳои қаблӣ амалҳои террористӣ хеле зиёд шудааст»[35]. Айни замон вазъи воқеии терроризм пайваста тағйир ёфта истода, шумори амалҳои террористӣ ва қурбониёни он афзоиш ёфта истода, ҳаҷми зарари расонидашуда аз ин амалҳо афзуда истодааст.

Дар сархати дуюм «**Шахсияти террорист**» муаллиф шахсияти террористро таҳқиқ намуда, кайд мекунад, ки аксарияти кулли террористонро мардони дорои синну соли 20-35 ва 40-60-сола ташкил медиҳанд. Тавре ки таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, дар байни террористон ҷавонони дорои ақидаи радикалӣ (12-16 сола) низ ҳастанд, ки дар содир намудани амалҳои террористӣ иштирок мекунанд (худкушӣ). Сабаби шомил шудан ба ташкилоти террористӣ, чун қоида, метавонад ягон ҳодисае бошад, масалан, ангезаҳои динӣ, яъне ташаббускорони терроризм бо шиорҳои мубориза бо кофирон ҷавононро ба сафҳои худ баҳри мубориза бо мақомоти давлатӣ ҷалб мекунанд, сабаби дигараш бошад, мушкилотҳои шадиди иҷтимоӣ ва рӯзмарра мебошад. Эҳсоси бегонапарастие, ки дар чунин ҳолатҳо ба вуҷуд меояд, боиси ба гурӯҳҳои террористӣ шомил шудани шахс мегардад.

Вақтҳои охир дар сафи террористон занон низ дида мешаванд. Сабабҳои иштироки ихтиёрии занон дар ҷиноятҳои дорои хусусияти террористи-

[35]Ниг: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 // Рӯзномаи халқӣ. – 2019. – 27 декабр – № 378.

дошти аксаран ба ангезаҳои динӣ вобаста мебошад. Ҳамчунин ҳолатҳои маҷбуран дар фаъолиятҳои террористӣ ширкат варзидани занон низ мушоҳида мерасад. Террористон бо ангезаҳои зӯроварӣ, эҳтиёҷоти қавӣ ба фарогирӣ, мансубият ба гурӯҳ ва эҳсоси афзояндаи худшиносӣ бартарӣ доранд. Таҳлили криминологии шахсоне, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои террористӣ содир намудаанд, шаҳодат медиҳад, ки онҳо асосан шахсони дорои мазҳабияти баланди динӣ, зиндагии ноустувор, бемории рӯҳӣ ва мушкилоти шадиди муносибат бо атрофиёне мебошанд, ки дар муносибат бо дигарон, дар ҷамъият мавқеи худро наёфтаанд, чун қоида, дорои сахти пасти маълумот, бекор ва бе робитаи устувори оилавӣ ҳастанд. Аз нуқтаи назари равонӣ, инҳо шахсони бениҳоят мутавозин ва психопатикӣ мебошанд.

**Дар сархати сеюм «Сабабҳо ва шароити мусоид барои содир намудани терроризм» аз ҷониби муаллиф** тағйироти иҷтимоию сиёсии солҳои 1992-1997 ва солҳои 2015-2023 мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст, чунончӣ заиф шудани мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, ки ба унсурҳои ҷиноятии таҷовузкор дар афзоиши терроризм ҳамчун яке аз усулҳои тиҷорати фоидаовар мусоидат намуда, инчунин боиси ҷалби ҷонибдорони ҳизбу ҳаракатҳои тундгарои Салафия, Ваххобия, Ҳизб-ут-Таҳрир, ДИИШ, ҷунбиши Толибон, ки барои анҷом додани амалиёти зиддитеррористӣ захираҳои молиявии кофӣ дошта, дар байни аҳолӣ тарғиботи ғояҳои террористӣ-экстремистиро гузаронида, онҳоро бо адабиёти таблиғотӣ таъмин карда, аъзоҳҳои гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонуниро, ки бар зидди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ дар қаламрави Тоҷикистон ва дигар давлатҳо меҷанганд, дастгирӣ намудааст, гаштааст.

Ба ақидаи муаллиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати беохири гурезаҳои Афғонистон ба вазъи амалиётӣ таъсири манфӣ мерасонад ва аксар вақт зери ниқоби шаҳрвандони осоишта, оворагони дохилӣ ва соҳибкорон, аъзои гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ махфӣ ворид мешаванд. Ҳадафи аслии онҳо комёб шудан ба нооромии вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ бо роҳи унсурҳои ҷиноятӣ муттаҳид шудан бо исломгароёни маҳаллӣ - ваҳобиён, салафиҳо, хизбу-ут-таҳрировҳо мебошад.

**Дар рисола зикр мегардад, ки мавҷудияти терроризми муосир бевосита ба амалҳои экстремистҳои динии «Салафия», «Ваҳҳобизм», «Ҳизб-ут-Таҳрир»**, «Ҳаракати исломии Узбакистон», «Давлати исломии Ироқу Шом», (ДОИШ), «Ансоруллоҳ», «Ихвон-ул-муслимин»), задухӯрдҳои мусаллаҳона ва оқибатҳои мухталифе, ки аз ин ба вуҷуд меоянд, таҳдиди гурӯҳҳои низомӣ дар наздикии марзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷониби Афғонистон), радикализатсияи ҷомеа, кӯшиши табаддулот аз ҷониби «Ҳизби мамнӯи наҳзати исломӣ», минбаъд (ҲНИ) ва «Гурӯҳи- 24» алоқаманд аст. Тибқи маводҳои мавҷудаи парвандаҳои ҷиноятӣ, ташкилотҳои экстремистии динии номбаршуда дар марҳилаи ибтидоии корҳои идеологияшон бо аҳолии маҳаллӣ ҳадафҳои аслии худро таблиғ намекунанд, инҳо дар ҷараёни он дар соз-

монҳои мухталиф ва ҷамоатҳои маҳаллӣ ҷавонони аз ҷиҳати иҷтимоӣ номукаммалро эҳтиёткорона давра ба давра зери коркарди психологӣ қарор медиҳанд.

Баъзе аз таблиғгарони исломи тундрав дар Тоҷикистон дар аввалҳои солҳои 90-уми садаи 20 дар қаламрави Афғонистон аз тамриноти низомӣ ва махсус гузашта, дар марказҳои махус омодагӣ дида, дар байни сокинони ҷумҳурӣ, бахусус ҷавонон, корҳои таблиғотии махфии худро ба роҳ мондаанд. Муаллиф сабабу шароитҳои асосиеро, ки ба афзоиш ва мавҷудияти терроризм мусоидат мекунанд, муайян намудааст, ки аз инҳо иборатанд: вазъиятҳои буҳронии ҷамъият, дар минтақа мавчуд будани шахсоне, ки ба вазъи сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонанд, камбудиҳои ҳуқуқии қонунгузорӣ ва ғайра.

**Дар сархати чорум «Пешгирии терроризм»** муаллиф муҳимтарин ҷузъи хусусиятҳои криминологии терроризмро ҳолати мубориза ва пешгирии терроризм зикр карда, онро таҳқиқ ва асоснок кардааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидааш рисоланавис ба чунин хулоса омадааст, ки бояд мунтазам чораҳои ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор, пешгирӣ, убур ва кушодани амалҳои террористию экстремистӣ ва дигар ҳамлаҳои ҷинояткорона ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ такмил дода шаванд.

Бояд қайд намуд, ки хатари асосӣ барои кишварҳои узви СҲШ ҳамоно аз минтақаи ба истилоҳ Афғонистону Покистон аст, ки дар он зери дастгирии «ДОИШ», «Ал-Қоида» ва «Толибон» намояндагони «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», ҷараёнҳои динии «Ҳизб-ут-таҳрир», «Салафия», «Ваҳҳобӣ», «Ансоруллоҳ», «Ихвон-ул-муслимин» паногоҳи худро ёфтаанд. Ҳамзамон, дар Афғонистон амалиёти омӯзишии ҷангҷӯён (аз ҷумла бомбагузорони маргталаб) оғоз карда шудааст, ки дар он афроде, ки барои анҷом додани ҳамлаҳои террористӣ дар қаламрави кишварҳои узви СҲШ омода карда шудааст, низ таълим мегирад. Аз ҷониби раҳбарони «Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон», ҷудоихоҳони чечен ва уйғур бо кӯмаки «ДОИШ», «Ал-Қоида» ва «Толибон» созмон додани гуруҳи террористии «Ҷабҳаи Исломии муттаҳидаи Туркистон» (ҶИМТ) вазъиятро шадидтар менамояд.

Вазифаи асосии ҶИМТ ин фаъол кардани фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар қаламрави кишварҳои узви СҲШ мебошад. Омили муҳимми таҳдидкунанда ба кишварҳои СҲШ ин тиҷорати босуръат паҳншавандаи маводи мухаддир мебошад, ки ба созмонҳои террористӣ, сепаратистӣ ва ифротӣ кӯмаки молиявӣ мерасонад. Таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки маҳз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ самаранoктар қодиранд:

– дар муайян намудани каналҳои асосии убури гурӯҳҳои террористӣ, инчунин муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир тавассути сарҳади давлатии Точикистон ва Афгонистон иштирок намоянд;

– дар шароитҳои мусоид барои ошкор намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки аз ҷумлаи аъзоён ва сардорони гурӯҳу ташкилотҳои террористӣ мебошанд, чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ гузаронанд.

Албатта, яке аз чораҳои пешгирикунанда ин меъёри ҳавасмандкунӣ мебошад, ки дар эзоҳи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

**Дар натиҷа муаллиф** ба хулосаҳои асосии зерин меояд, ки дорои тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ буда, ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм, инчунин пешгирӣ ва рафъи амалҳои террористӣ нигаронида шудаанд.

## ХУЛОСА

**Хулосаҳое, ки натиҷаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи тадқиқоти рисоларо инъикос мекунанд:**

1. Таҳлили қонунгузории дохилӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм нишон медиҳад, ки ин амал ҳамеша ҳамчун падидаи ба ҷамъият хатарноки иҷтимоию ҳуқуқӣ эътироф шудааст. Аммо дар ягон конвенсияи байналмилалӣ то ҳол мафҳуми терроризм возеҳ муайян карда нашудааст, ки онро аз ҷиноятҳои дигар фарқ кунонад ва аз ин рӯ, сарфи назар аз хусусияти мураккаби он, мафҳуми возеҳи онро муайян кардан лозим аст. [1-М].

2. Терроризм падидаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва криминологӣ буда, онро бо амалҳои мушаххаси террористӣ дар як қатор гузоштан комилан нодуруст мебошад. Мафҳуми ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ роҳҳои зуҳури онро нишон дода, таърифи криминологии терроризм хусусиятҳо, моҳияти ин зуҳуротро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, мафҳуми пуриқтидортаре мебошад, ки бояд дар Қонун қайд карда шавад ва мафҳуми ҷиноятӣ - ҳуқуқӣ бошад, дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда шавад. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд амали мушаххаси рафтори инсон бошад, яъне амали террористӣ. Барои аз мафхуми ҷиноятӣ - ҳуқуқии терроризм фарқ кардани мафҳуми он ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию ҳуқуқии аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок ва ягона намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мубориза бар зидди терроризмро танзим менамояд, зарур мешуморем, ки номи моддаи 179 (Терроризм)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «амали террористӣ» тағйир дода шавад [2-М].

3. Хусусияти ҳатмии терроризм ҳадафи махсусаш мебошад, ки аз инҳо иборат аст:

а) вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ;

б) тарсондани аҳолӣ;

в) таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ.

**Барои муқовимати самаранок ба терроризми муосир**, ки ба сатҳи байналмилалӣ расида истодааст, пешниҳод карда мешавад, ки тарафи субъективии моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибораҳои «бо

мақсади таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳо ба ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ» пурра карда шавад. [4-М].

4. Тафовут намудан байни моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон терроризм аз одамкушӣ, ки бо тарзи умумии хавфнок содир шудааст (банди «ж», қисми 2 моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Кирдорҳои террористӣ аз рӯи хусусиятҳои объективӣ ва субъективии худ ба одамкушӣ, ки бо тарзи умумии хавфнок содир шудааст (банди «ж», қисми 2 моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), тамаъҷӯӣ (моддаи 250 КҶ ҶТ), қасдан несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулки шахси дигар, ки бо роҳи оташзанӣ, таркиш ё бо усули дигари умум хавфнок содир шудааст (қисми 2, моддаи 255 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) шабоҳати умумӣ доранд. Бо дарназардошти он, ки ҳангоми содир намудани амалҳои террористӣ қасдан инсон ба ҳалокат расонида мешавад, зарур мешуморем, ки ба банди «д», қисми 3 моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои амали террористӣ, ки қасдан боиси марги шахс ё ду ва ё зиёда шахсон мегардад, пешбинӣ менамояд, илова ворид карда шавад. [6-М].

5. Объекти асосии бевоситаи ҷинояти дар моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда – терроризм муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки асоси амнияти ҷамъиятиро ташкил намуда, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятиеро дарбар мегиранд, ки шартҳои муҳимтарини бехатарии ҳаёти ҷамъиятӣ, шахс ва давлатро таъмин менамоянд. Объектҳои иловагии бевоситаи терроризм, ки ҳамзамон бо объекти асосӣ вайрон карда мешаванд, метавонанд муносибатҳои ҷамъиятии оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии одамон, фаъолияти мӯътадили мақомоти давлатӣ, инчунин муносибатҳои моликият, ки ба тартиби тақсимоти неъматҳои моддӣ алоқаманд нестанд, бошанд. [9-М].

6. Тарафи объективии ҷиноят, ки дар қисми 1 моддаи 179 «Терроризм»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. дар ду амали мустақил зоҳир мегардад: якум - содир намудани таркиш, оташзанӣ, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки хавфи марги одамонро ба вуҷуд меорад; расонидани зарари калони молумулкӣ ё ба вуҷуд омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, агар ин кирдор бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ, тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ содир шуда бошад, дуюм – таҳдиди содир намудани амалҳои номбаршуда бо ҳамин мақсадҳо. [9-М].

Сохтори дуюми асосӣ - расмӣ - бо таҳдиди содир намудани кирдорҳои дар диспозицияи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида хос аст. Дар баробари ин, барои банду баст намудани кирдори содиршуда бо ин модда муҳим нест, ки оё террористон воқеан қасди амалӣ карда-

ни таҳдидро доштанд ва оё онҳо имкони воқеии ин корро доштанд ё на. Худи омили ба миён гузоштани таҳдид кифоя аст, ба шарте ки он боиси тарс аз амалишавии он шуда бошад.

Аломатҳои ҳатмии объективии терроризм инҳоянд:

- эҷод кардани хатари марг;
- расонидани зарари калони молумулкӣ;
- фаророасии дигар окибатхои барои ҷамъият хавфнок;
- таҳдиди содир кардани ин амалҳо. [7-М].

7. Бо дарназардошти он, ки ҳангоми содир намудани терроризм барои таснифбандии ин кирдор марги ҳадди ақал як нафар кифоя аст, бинобар ин, ба назари мо, беҳтар мешуд, ки ҳангоми мукаммал намудани моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишон додани хатари марги ақаллан як шахс маҳдуд карда шавем. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар диспозитсияи моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «ба миён овардани хатари марги одамон» ба ибораи «марги ҳадди ақал як шахс» иваз карда шавад [5-М].

8. Бо дарназардошти он, ки содир намудани амали террористӣ, ки барои ҷамъият хавфнок буда, боиси оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ё таҳдиди боиси он мегардад, ки онҳо моддаи 179-и Кодекси чиноятии Чумхурии Точикистон зикр шудаанд, чунин мафхуми «ба вучуд омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок» ба назари мо, беасос аст. Дар ин маврид қонунгузор фаророасии чунин оқибатҳои барои ҷамъият хатарнокро дар назар дорад, ки аз рӯи хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъияти ба марги инсон ё зарари калони молумулӣ мутаносиб мебошанд. Дар ин вазъият пешниҳод карда мешавад, ки ибораи «ба амал омадани дигар оқибатҳои вазнин»-ро истифода бурдан мантиқтар мебошад. Барои дурусттар тавсиф кардани ҷинояти дар модда 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда таклиф менамоем, ки дар диспозитсияи қисми 1 ҳамин модда маҷмӯаи калимаҳои «дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок» ба «дигар оқибатҳои вазнин» иваз карда шаванд. [7-М].

9. Хусусияти ҳатмии тарафи субъективии терроризм мақсаде мебошад, ки тавре ки дар диспозицияи модда зикр шудааст, дар инҳо ифода ёфтааст:

- амнияти ҷамъиятиро вайрон намудан;
- ба фаъолияти макомоти давлатӣ халал расонидан;
- мардумро тарсондан (яъне дар ҷомеа фазои тарс, воҳима, ноумедӣ ба ояндаи худ эҷод кардан);
- ба қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсир расонидан (яъне, озод кардани ашхоси зиндонӣ, аз ҳудуди муайян баровардани қушунҳо, маҷбур кардани мансабдори мақомоти олии давлатӣ ба истеъфо, манъ кардани фаъолияти ҳукуматӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ). Барои тасниф намудани терроризм мутобиқи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дақиқан муайян намудани мақсадаш муҳим аст, зеро агар ақаллан яке аз мақсадҳои зикршуда муқаррар нашуда бошад, кирдор бояд вобаста ба оқибатҳои воқеии пешбининамудаи моддаи 255-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қасдан несту нобуд ё вайрон кардани амвол» банду баст карда шавад. [7-М].

10. Терроризм аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (банди «а», қисми 2 моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) содиршуда эътироф мешавад, агар ду ё зиёда шахсоне, ки дар он ҳамчун шарикон иштирок намудаанд, дорои ҳамаи аломатҳои субъекти ҷинояти зикршуда буда, пешакӣ дар бораи якҷоя анҷом додани он розигӣ додаанд. [4-М].

11. Истифодаи силоҳи оташфишон ҳангоми содир намудани терроризм (қисми 1, моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) маънои истифодаи хосиятҳои харобиовари он барои расонидани зарар ба саломатӣ ё ҳаёти одамон, ҳам бо оқибатҳои воқеӣ ва ҳангоми сӯиқасд ба ҳаёти одамон, инчунин ба мақсадҳои равонӣ истифода бурдани силоҳи оташфишон ҳангоми намоиш додани он, вале дар айни замон хатари воқеии расонидани зарар ба одамон ба вуҷуд омадааст, дорад. Истифодаи силоҳи оташфишон дар содир намудани терроризм, агар барои он асос мавҷуд бошад, вобаста ба ҳолатҳои воқеии парванда тавсифбандии иловагиро мутобиқи моддаи 195 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ғайриқонунӣ ба даст овардан, интиқол додан, фурӯш, нигоҳдорӣ, интиқол, ё бо худ бурдани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, маводи тарканда, асбобҳои тарканда»; моддаи 196-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таҳияи ғайриқонунии силоҳ»; моддаи 199-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дуздии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, маводи тарканда, асбобҳои тарканда» талаб менамояд. [6-М].

12. Барои бо қисми 3 моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсифбандӣ намудани терроризм, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудааст, ба чунин хусусияти муҳим, ба монанди устуворӣ диққати махсус додан лозим аст. Дар вакти муқаррар намудани онхо ҳолатҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст: мавчуд будани ташкилотчӣ ё рохбар; доимияти шаклу усулҳои фаъолияти ҷиноятӣ; давомнокии мавҷудият; банақшагирии амалиёти ҷиноятӣ; тақсимоти нақшҳо байни шарикон; риояи принсипҳо ва меъёрҳои умумии рафтор; тайёр кардани олот ва воситаҳои содир намудани ҷиноят; таъмини чораҳои пешакӣ барои рӯйпуш кардани ҷиноят. [9-М].

13. Мувофики Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо шахси воқеӣ ва солим, ки ҳангоми содир намудани терроризм ба синни 14 солагӣ расидааст, метавонад ба сифати субъекти терроризм баромад намояд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятии ташкилотҳои террористӣ пешбинӣ карда нашудааст. Дар ин ҳолат танҳо шахсоне, ки аъзои ин созмонҳои террористӣ мебошанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. [9-М].

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Хулосаҳои дорои аҳамияти амалӣ дар шакли тавсияҳо ва пешниҳодҳо, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои терроризм, инчунин самтҳои асосии пешгирии он нигаронида шудаанд.

1. Таклиф карда мешавад, ки банди «в» кисми 2 моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин аломати тавсифкунанда ба монанди «бо сабабҳои сиёсӣ» пурра карда шавад. [9-М].

2. Бо дарназардошти он, ки амалҳои террористӣ бо қасди бевосита содир шуда, мантиқан «беэҳтиётона боиси марги инсон шудан» -ро истисно мекунад, дар ин асос ибораи «беэҳтиётона боиси марги инсон шудан» аз банди «г»-и қисми 3 моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ибораи нодуруст сохташуда хориҷ карда шавад. [4-М].

3. Бо дарназардошти он, ки амалҳои террористии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда асосан аз ҷониби аъзои созмонҳои террористию экстремистӣ, аз қабили «ДОИШ», «Ал-Қоида», «Толибон», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Салафия», «Ансоруллоҳ», «Ихвон-ул-муслимин», «Ҳизби нахзати ислом» ва ғайра мебошанд, пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 3 моддаи 179-и Кодекси чиноятии Чумхурии Точикистон банди «д» бо мазмуни зайл илова карда шавад: «кирдорхое, ки дар қисмхои якум ва дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар онҳо аз чониби аъзои ташкилотҳои террористию экстремистие, ки фаъолияти онҳоро суд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, содир шуда бошанд. [7-М].

4. Барои муқовимати самаранок ба терроризми муосир, ки ба сатҳи байналмиллалӣ расида истодааст, пешниҳод менамоем, ки ба диспозитсияи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаҳои «маҷбур кардани ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба қабули ягон қарор ва ё ба нафъи террористон рад кардани он» ворид карда шаванд. [4-М].

5. Бо дарназардошти он, ки лаҳзаи содир намудани амали террористӣ қасдан боиси марги шахс мегардад, зарур аст, ки дар қисми 3 моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банди «д» бо чунин аломати тахассусӣ, ба монандӣ «қасдан боиси марги шахс ё ду ва ё зиёда шахсон шудан» илова карда шавад. [6-М].

6. Бо дарназардошти он, ки ҷазои ҷиноятие, ки ба шахси содиркардаи чиноят таъин мешавад, бояд ба хусусият ва дарачаи хавфи ҷамъиятӣ (принсипи адолат) мувофик бошад, бояд таҳдиди содир намудани амали террористиро ҷудо карда, онро дар моддаи алоҳида - моддаи 179[4] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳрири зайл «Таҳдиди содир намудани амали террористӣ» бо ҷазои сабуктар қайд кардан лозим аст. [7-М].

7. Самтҳои асосии пешгирии амалҳои террористӣ дар айни замон бояд инҳоро дар бар гиранд:

- пешгӯии фаъолияти террористӣ дар ҶТ ва дар маҷмӯъ дар минтақа;
- ба равандҳо ва падидаҳои асосии ҷомеа, ки метавонанд ба афзоиши терроризм мусоидат кунанд, таъсир расонидан;

- назорат аз болои муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳаи тирандозӣ ва моддаҳои тарканда пурзӯр карда шавад. Чӣ тавре ки таҳлили парвандаҳои ҷиноятии тафтишшуда нишон медиҳад, дар шароити муосири технологӣ сохтани маводи тарканда мушкил нест;

- такмили омодагии касбии кормандони дар самти мубориза бар зидди терроризм ширкаткунанда;

- ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бар зидди терроризм дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда шаванд;

- рафъи маблағгузории фаъолияти террористии он ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита ташкилотҳои террористиро маблағгузорӣ мекунанд. Мониторинги маблағҳои интиқолии аз фурӯши маводи мухаддир, силоҳ, одамрабоӣ, рэкет гирифташуда ба роҳ монда шавад;

- такмили таъминоти техникӣ, бо аслиҳа ва техникаи муосир муҷаҳҳаз намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. [14-М].

8. Самаранокии амалҳои пешгирикунанда тавассути чораҳои ҷиноятӣ - ҳуқуқӣ аз ду лаҳза вобаста аст:

- дуруст истифода бурдани муҷозоти ин ё он меъёр (фарқияти ҷавобгарии ҷиноятӣ);

-аз ҷониби судҳо дуруст таъин кардани ҷазо (фардикунонии ҷазо).

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятие, ки судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунанд, нишон дод, ки дар амалия чунин тамоюл мушоҳида мешавад: мӯҳлати ҷазое, ки судҳо таъин мекунанд, баъзан аз мӯҳлати дар моддаи санксия пешбинишуда камтар аст. [7-М].

9. Бо дарназардошти таҷрибаи мусбати байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм, бо мақсади заиф гардонидани дастгирии молиявии терроризм пешниҳод карда мешавад, ки намуди иловагии муҷозот дар шакли ҷарима ҷорӣ карда шавад. [8-М].

10. Бояд қайд намуд, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотии рисолаи илмӣ бахри беҳтар намудани фаъолияти мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муқовимат бо терроризмро ба амал мебароранд, тавсияҳои мушаххас дода шуд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Раджабов, А.С. Особенности законодательной конструкции терроризма в законодательстве Республике Таджикистан и некоторых других

стран мира» [Текст] / А.С. Раджабов // Таджикистан и современный мир. – 2011. – №4 (29). – С. 101-107; ISSN 2075-9584.

**[2-М].** Раджабов, А.С. Общеправовые аспекты определения терроризма [Текст] / А.С. Раджабов // Таджикистан и современный мир. – 2011. – №4 (29). – С. 108-117; ISSN 2075-9584.

**[3-М].** Раджабов, А.С. Развитие уголовной ответственности за терроризм по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / А.С. Раджабов // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет. –2012. – №2 (37). – С. 28-36; ISSN 2077-8325.

**[4-М].** Трошкин, Е.З., Раджабов, А.С. Некоторые проблемы квалификации субъективной стороны терроризма по уголовному законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации [Текст] / Е.З. Трошкин, А.С. Раджабов // Вестник Академии ФСБ России. – 2013. – №31. – С. 178-190; ISSN 2410-7638.

**[5-М].** Трошкин, Е.З., Раджабов, А.С. Проблемы квалификации объективной стороны терроризма по уголовному законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительный анализ) [Текст] / Е.З. Трошкин, А.С. Раджабов // Вестник Академии ФСБ России. – 2013. – №31. – С. 164-177; ISSN 2410-7638.

**[6-М].** Раджабов, А.С. Разграничение терроризма от убийства, совершенным общеопасным способом [Текст] / А.С. Раджабов //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/3 (201). – С. 223-227; ISSN 2413-5151.

**[7-М].** Раджабов, А.С. Терроризм: Проблемы квалификации и назначения наказания [Текст] / А.С. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/4 (204). – С. 225-232; ISSN 2413-5151.

**[8-М].** Раджабов, А.С. Некоторые проблемы назначения дополнительного наказания в виде штрафа за терроризм по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / А.С. Раджабов // Труды академии МВД Республики Таджикистан». – 2021. – №1 (49). – С. 108-114; ISSN 2412-141X.

**[9-М].** Раджабов, А.С. Отграничение терроризма *от смежных с ним составов преступлений* [Текст] / А.С. Раджабов // Труды академии МВД Республики Таджикистан. – 2022. – №3 (55). – С. 106-115; ISSN 2412-141X.

**[10-М].** Раджабов, А.С. Некоторые причины и условия, способствующие совершению терроризма в Республике Таджикистан [Текст] / А.С. Раджабов // Труды академии МВД Республики Таджикистан». – 2022. – №4 (56). – С. 132-136; ISSN 2412-141X.

**[11-М].** Раджабов, А.С., Азимзода, Н.Б. Терроризм: проблемы квалификации по объективной стороне (теория и практика) [Текст] / А.С. Раджабов, Н.Б. Азимзода // Наука и безопастность. – 2024. – №1 (7). – С. 111-117; ISSN 2959-6408 (Online); ISSN 2959-6394 (Print).

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[12-М].** Раджабов, А.С. Личность террориста [Текст] / А.С. Раджабов // Международная научно-практическая конференция на тему: «Развитие цафровых технологий в современных условиях», посвяшенная «двадцатилетию изучение и развитие естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» на (2020-2040 г.г.) // Журнал Таджикский государственный университет коммерции. – Душанбе, 2022. – С. 322-324.

**[13-М].** Раджабов, А.С. Общие понятия и вопросы терроризма по законодательству РТ [Текст] / А.С. Раджабов // Сборник научных статьей Академии ФСБ РФ. – М., 2009. – №34032-Н. – С. 196-207.

**[14-М].** Раджабов, А.С. Понятия и криминологическая характеристика терроризма [Текст] / А.С. Раджабов // Сборник научных статьей Академии ФСБ РФ. – М., 2011. – №34582-Н. – С. 95-114.

**[15-М].** Раджабов, А.С. Незаконный оборот наркотических средств как источник финансирования террористической деятельности [Текст] / А.С. Раджабов // Наркофронт. – Душанбе: МВД Республики Таджикистан, 2012. – №1. – С. 70-79.

**[16-М].** Раджабов, А.С. Незаконный оборот наркотиков, терроризм-угроза стабильности и безопасности в Центрально-Азиатском регионе [Текст] / А.С. Раджабов // Наркофронт. – Душанбе: МВД Республики Таджикистан, 2012. – №1. – С. 80-86.

**[17-М].** Раджабов, А.С. Рост угрозы терроризма в современном мире: причины возникновения и противодействие терроризму (РФ: г. Москва, 2021 года) [Текст] / А.С. Раджабов // НКС АТЦ СНГ. – 2021. – №2. – С. 47-53.

**[18-М].** Раджабов, А.С. «Актуальные проблемы противодействия терроризму и экстремизму» (РФ: г. Москва, 02 ноября 2022 года) [Текст] / А.С. Раджабов // НКС АТЦ СНГ. – 2022. – С. 63-69.

**[19-М].** Раджабов, А.С. «Противодействия идеологии экстремизма и терроризма в образовательных учреждениях: проблемы и пути их решениия» (РФ: г. Москва, 02 ноября 2022 года) [Текст] / А.С. Раджабов // НКС АТЦ СНГ. – 02.11.2022. – С. 149-152.

**[20-М].** Раджабов, А.С. Психолого-криминологические особенности личности террориста [Текст] / А.С. Раджабов // НКС АТЦ СНГ. – 20.09.2023. – С. 232-238.

## АННОТАЦИЯ

### к диссертации Раджабова Абдулмаджита Самадовича на тему «Терроризм: уголовно-правовые и криминологические аспекты» (по материалам Республики Таджикистан)

**Ключевые слова:** терроризм, террористический акт, террористическая деятельность, противодействия терроризму, уголовно-правовые нормы, уголовное законодательства, уголовная ответственность, угроза, уголовное наказание, общественная безопасность, собственность, государства, следственно-судебные органы, предупреждения.

Цель диссертационного исследования совершенствования уголовно-правовых норм, связанных с ответственностью за терроризм, и практическое их применения на основе изучения уголовно-правовых и криминологических аспектов.

Научная новизна исследования заключается в том, что представленная работа на диссертационном уровне проведено впервые, и она охватывает совокупность уголовно-правовых и криминологических аспектов терроризма. Автором самостоятельно произведен сравнительно-правовой анализ уголовного законодательства РТ и СНГ за терроризм, и на основе его сравнения, устанавливающий уголовную ответственность за терроризм сделаны соответствующие предложения, а именно уточнено понятие терроризма, рассмотрены объективные и субъективные признаки терроризма, разработана уточненная уголовно-правовая характеристика основного и квалифицированных составов терроризма, предусмотренного ст. 179 УК РТ. Автором впервые, с криминологической позиции проанализировано состояния, структуры и динамики терроризма за последние девять лет, выявлены факторы, способствующих совершению терроризма, анализируется психологический портрет террориста, разработаны рекомендации по предупреждению актов терроризма.

В процессе исследования автором с помощью диалектического метода был изучена социальная обусловленность уголовной ответственности за терроризм. С помощью логических и формально-правовых методов были изучены практические материалы, связанные с терроризмом, и внесены предложения по совершенствованию уголовного законодательства РТ. С помощью статистическо-сравнительного метода был определен уровень совершенных актов терроризма в РТ.

Результаты диссертационного исследования направлены на совершенствования уголовного законодательства в сфере противодействия терроризму и могут быть использованы при разработке и принятии нормативно-правовых актов, затрагивающих вопросы уголовно-правового регулирования терроризма.

## АННОТАТСИЯ

**ба рисолаи номзади Раҷабов Абдулмаҷит Самадович дар мавзуи «Терроризм: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологӣ» (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Калидвожаҳо**: терроризм, амали террористӣ, фаъолияти террористӣ, муқовимат ба терроризм, меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, таҳдид, ҷазои ҷиноятӣ, амнияти ҷамъиятӣ, моликият, давлат, мақомоти тафтишотӣ-судӣ, пешгирӣ.

Ҳадафи тадқиқоти диссертатсионӣ – ин такмили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии марбут ба ҷавобгарӣ барои терроризм ва татбиқи амалии онҳо дар асоси омӯзиши қонуни ҷиноятӣ ва ҷанбаҳои криминологӣ мебошад.

Навоварии илмии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки кори пешниҳодшуда дар сатҳи диссертатсия бори аввал анҷом дода шуда, маҷмуи ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии терроризмро дар бар мегирад. Муаллиф мустақилона таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИДМ оид ба терроризмро анҷом дода, дар асоси муқоисаи он оид ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм пешниҳодҳои дахлдор манзур медорад, аз ҷумла мафҳуми терроризм, аломатҳои объективӣ ва субъективии терроризм мавриди баррасӣ қарор гирифта, тавсифи дақиқи ҳуқуқии ҷиноятии таркибҳои асосӣ ва тахассусии терроризм, ки моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, коркард намудааст. Муаллиф бори нахуст аз мавқеи криминологӣ ҳолат, сохтор ва динамикаи терроризмро дар нуҳ соли охир таҳлил намуда, омилҳои ба содиршавии терроризм мусоидаткунандаро муайян карда, симои равонии террористро таҳлил ва барои пешгирии амалҳои террористӣ тавсияҳо таҳия намудааст.

Муаллиф дар раванди тадқиқот бо ёрии усули диалектикӣ сабабияти иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятиро барои терроризм мавриди омӯзиш қарор додааст. Бо истифода аз усулҳои мантиқӣ ва расмии ҳуқуқӣ маводи амалии алоқаманд ба терроризм омӯхта шуда, ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо манзур намудааст. Бо ёрии усули оморӣ-муқоисавӣ сатҳи содир шудани амалҳои террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар соҳаи муқовимат ба терроризм нигаронида шуда, метавонанд ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии алоқаманд ба масъалаҳои танзими ҷиноятӣ-ҳуқуқии терроризм истифода шаванд.

## ANNOTATION

## to the dissertation of Radjabov Abdulmadzhit Samadovich on the topic «Terrorism: criminal legal and criminological aspects» (based on materials from the Republic of Tajikistan)

The purpose of the dissertation research is to improve criminal law norms related to responsibility for terrorism and their practical application based on the study of criminal law and criminological aspects. The scientific novelty of the research lies in the fact that the presented work at the dissertation level was carried out for the first time, and it covers the totality of criminal legal and criminological aspects of terrorism.

The author independently carried out a comparative legal analysis of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and the CIS for terrorism, and based on its comparison, establishing criminal liability for terrorism, were made relevant proposals, namely, the concept of terrorism was clarified, objective and subjective signs of terrorism were considered, a refined criminal legal description of the fundamentals and qualified compositions of terrorism, provided for by Art. 179 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. was developed

The author for the first time, from a criminological position, analyzed the state, structure and dynamics of terrorism over the past nine years, identified factors contributing to the commitment of terrorism, analyzed the psychological portrait of a terrorist, and developed recommendations for preventing acts of terrorism.

In the process of research, the author, using the dialectical method, studied the social conditionality of criminal liability for terrorism. Using logical and formal legal methods, practical materials related to terrorism were studied and proposals were made to improve the criminal legislation of the Republic of Tajikistan.

Using the statistical and comparative method, the level of committed acts of terrorism in the Republic of Tajikistan was determined. The results of the dissertation research are aimed at improving criminal legislation in the field of countering terrorism and can be used in the development and adoption of regulations affecting issues of criminal legal regulation of terrorism.

Key words: terrorism, terrorist act, terrorist activity, countering terrorism, criminal law, criminal legislation, criminal liability, threat, criminal punishment, public safety, property, states, investigative and judicial authorities,warnings.

Ба чоп __.02.2024 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman.
Ҷузъи чопии шартӣ __,__.
Теъдоди нашр _00 нусха. Супориши № ___.

Всего пронумеровано 78 с.
Подписано в печать _____ 2024 г.
Авт. л. ____. Усл. печ. л. ____.
№ ____. Заказ № ____.
Тираж 5 экз.
Типография ВШ ГКНБ РТ